**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 28.11.2023, №3**
**Оид ба сазовор донистани Наимзода Насимҷон Қудратулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Диссертатсия дар мавзӯи “Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ба ҳимоя 25 сентябри соли 2023, суратмаҷлиси №3 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2023, № 63/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Наимзода Насимҷон Қудратулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1985 таваллуд шудааст.

Соли 2007 факултети информатикаи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) ба номи Н.Хусравро бо ихтисоси “Системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва идоракунӣ” хатм намудааст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ, аз соли 2009 ба ҳайси танзимгари Маркази компютерӣ дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ба номи Н.Хусрав ба фаъолияти корӣ шуруъ намудааст. Солҳои 2014-2017 дар вазифаҳои мутахассиси шуъбаи ҳуҷҷатгузории амалиёти мизоҷон дар филиали ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» ва аз соли 2017 то ҳоло ба ҳайси омӯзгори факултети информатика фаъолият менамояд.

Наимзода Н.Қ. аз моҳи ноябри соли 2019 унвонҷӯи кафедраи “Менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ”-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Умаров Хоҷамаҳмад Умарович – д.и.и., профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Шаропов Фарҳод Разоқович – д.и.и., дотсенти кафедраи “Бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Бобозода Афзалшоҳи Олимҷон – н.и.и., дотсенти кафедраи "Идораи молияи давлатӣ"-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи сайёҳӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар дар ҷаласаи шӯъбаи тадқиқоти инфрасохтории муассисаи мазкур аз 03.11.2023, суратҷаласаи №6 баррасӣ гардидааст. Тақриз аз тарафи эксперт, ходими пешбари шӯъбаи тадқиқоти инфрасохторӣ, н.и.и. Шодиев Ҷаъфар Розибекович, таҳия гардида, аз тарафи директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи "Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295)) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Наимзода Насимҷон Қудратулло сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 16 интишори илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

**[1-М].**Наимзода Н.Қ. Имконоти сайёҳӣ ва раванди таҳаввули он дар Тоҷикистон / Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - № 4/2 (39). – С. 123-131. – ISSN 2308-054X.

**[2-М].**Наимзода Н.Қ. Муаммоҳои идоракунии ҳолати хизматрасонии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Қ. Наимзода., Воҳидов У.М, // Паёми Донишгоҳи

давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. - № 1/4 (92). - С.206-212. – ISSN 2663-5534.

**[3-М].**Наимзода Н.Қ. Тамоюлҳои рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. - № 1-2 (98). - С. 304-311. – ISSN 2663-5534.

**[4-М].**Наимзода Н.Қ. Иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ ва раванди инкишофи соҳаи туризм. / Ҳ.У.Умаров., Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. -.№ 1-2 (98). – С. 311-317. – ISSN 2663-5534.

**[5-М].**Наимзода Н.Қ. Асосноккунии пешниҳоди таъсиси маркази иттилоотии сайёҳии Бохтар. / Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. - № 1/4 (104). - С.197-201. – ISSN 2663-5534.

**[6-М].** Наимзода Н.Қ. Иттилоотикунонии тиҷорати байналмилалии меҳмонхонаҳо дар шароити рушди сайёҳӣ. /Умаров Ҳ,У,, Наимзода Н.Қ.// Маҷаллаи илмию-сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Идоракунии давлатӣ" № 4/2 (59). –Душанбе, 2022. С. 33-42. –ISSN 2664-0651 (Print). –ISSN 2709-8567 (Online).

**[7-М].** Наимзода Н.Қ. Асосҳои таҳқиқи рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ. / Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023. - № 1/1 (107). - С.267-273. – ISSN 2663-5534.

**[8-М].** Наимзода Н.Қ. Системаҳои иттилоотию ҷустуҷӯ ва ҷойбандкунии ширкатҳои сайёҳӣ. / Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023. - № 1/2 (110). - С.324-329. – ISSN 2663-5534.

**[9-М].** Наимов Н.Қ. Имконияthоҳои технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва ҳалли мушкилот барои рӯшди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Қ.Наимов, Р. Шоҳсанами, З.Латифов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мушкилоти мубрами таълими фанҳои риёзӣ ва табиӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ». –Бохтар, 2018. –С. 267-270.

**[10-М].** Наимзода Н.Қ. Ташаккули ҷараёни иттилоотии сатҳи таъиноти барномавии сайёҳӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ/ Н.Қ. Наимзода// Конф. илмӣ-амалии ҷумҳ. бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». – Бӯстон, 2022. –С. 396-397.

**[11-М].** Наимзода Н.Қ. Тенденции развития туризма в Республике Таджикистан /Н.Қ. Наимзода // «III Межд.книжное издание стран СГ «Лучший педагог-2022». Том 8. г. Астана, Казахстан, 2022 . -С.13-14.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Аз номи н.и.и., дотсент Ҷонона Ғафорзода, декани факултети иқтисод ва идораи ДДОТ ба номи С.Айнӣ бо чунин эрод: 1) Бисёр хуб мешуд, агар муаллиф дар (расми 1, саҳ. 13) модели қабули қарор тибқи ТИТ дар баробари унсурҳои дохилкунӣ, қабули қарор ва натиҷагирӣ ҳамчунин масъалаи дороиҳоро низ мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Аз номи д.и.и. Навруз-Зода Бахтиёр Негматович, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бухоро, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар сохтори ташкилӣ ва иқтисодии МИС-и Бохтар "Маркази ахборотии сайёҳӣ" пешбинӣ нашудааст; 2) Кластер ҳамчун шакли самарабахши рушди соҳибкории сайёҳӣ дар диссертатсия баррасӣ нашудааст; 3) Масъалаҳои интегратсияи иқтидорҳои иқтисодиву иҷтимоии сайёҳии ҶТ ва ҶУ дар диссертатсия ба эътибор нагирифта мондааст.

3. Аз номи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1) Муаллиф дар коркард ва пешниҳод намудани МИС хусусиятҳои минтақавии маҳдудро ба эътибор гирифтааст; 2) Дар баробари дида баромадани рақамикунонӣ, мутаассифона, фишангҳои алоқамандии байни МИС ва буҷетҳои минтақа мавриди омӯзиши кам қарор дода шудааст; 3) Аз таҷрибаи давлатҳои пешқадам оид ба рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ камтар истифода шудааст.

4. Аз номи н.и.и., мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Комилов Низомиддин Бегаҳмадович бо чунин эродҳо: 1) Дар қисмати назариявии рисолаи илмӣ вобаста ба масъалаи баррасишаванда нуқтаи назари илмии олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ хуб инъикос гардидааст, аммо нуқтаи назарии мунақидонаи муаллиф оид ба назари онҳо кам ба мушоҳида мерасад; 2) Бисёр ба маврид мебуд, агар муаллиф дар хулосаи кори таҳқиқотӣ аз таҳлилҳое, ки дар боби дуюми диссертатсия гузаронида шудааст, хулосарезӣ мекард.

5. Аз номи д.и.и., дотсенти кафедраи математика ва системаҳои иттилоотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Зубайдов С. бо чунин эрод: Хуб мебуд, агар аз тарафи муаллиф ба муаммоҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, махсусан вилояти Хатлон, диққати махсус дода мешуд.

6. Аз номи д.и.и., профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи иқтисод ва савдои ш.Хуҷанд (ДДТТ) Ғозибеков С.А. бо чунин эрод: Ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф масъалаҳои таъмини сохтори намунавии маркази иттилоотии сайёҳиро муфассалтар пешниҳод менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва

русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- *коркард карда шудааст:* тавзеҳи мавқеи сайёҳӣ ва таъсири мултипликативии он ба иқтисоди кишвар, масъалаҳои назариявӣ ва методии рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити муосир, нақши сатҳи таъминоти иттилоотии соҳа ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ;

- *пешниҳод шудааст:* асосҳои илмии таъминоти иттилоотии хизматрасониҳои сайёҳӣ, омилҳо ва меъёрҳои асосии он, ташкили низоми бисёрсатҳаи марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, ки тамоми фазои сайёҳии миллиро фаро мегиранд;

- *асоснок гардидаанд*: самтҳои афзалиятноки такмили сохтори ташаккул ва ҳаракати селаҳои иттилоотӣ дар сатҳи минтақаи сайёҳӣ, ки ба рушди хизматрасониҳои сайёҳии дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- *баррасӣ гардидааст*: ҷанбаҳои илмию назариявии таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва роҳу усулҳои такмили он;

- *истифода шудаанд*: вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои муосири умумиилмии коркарди омории маълумот, усулҳои оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, мантиқӣ-назариявӣ, таҳлили динамикаи ҳодисаҳо ва мушоҳидаҳо, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намудаанд;

- таҳлили вазъи муосири рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти иттилооти он гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии такмили таъмини иттилоотии соҳаи сайёҳии минтақаҳои Тоҷикистон дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудааст;

- механизми таъсиси маркази иттилоотии сайёҳӣ дар ҶТ ва роҳҳои асосии баланд бардоштани сатҳи таъминоти иттилоотии ширкатҳои сайёҳӣ дар минтақаи Бохтар таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва ширкатҳои сайёҳии ш.Бохтар, инчунин дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав татбиқ гардидаанд (маълумотномаҳои Шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти

давлатии вилояти Хатлон, №12 аз 03.11.23, ҶДММ “Сайёҳ асри 21” аз 09.11.23 ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, №137 аз 04.10.2023);

- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати таъминоти иттилоотии ширкатҳои сайёҳӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд;

- тавсияҳои асосии методологӣ ва амалӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои муосири таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро ёбанд;

- муайян карда шудааст, ки хусусиятҳои хоси соҳаи сайёҳӣ дар раванди амалисозии таъмини иттилоотии соҳа, бо мақсади таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ равишҳои махсусро талаб мекунанд;

- самтҳои асосии такмили сохтори ташкилию иқтисодии фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- *назарияи* таҳқиқот дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи иқтисодиёт, сайёҳиву иттилоот, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ ва ғайраҳо бунёд шудааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастуру супоришҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои оморӣ ва таҳлилии Кумитаи рушди сайёҳӣ ва вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳои гуногун ва дигар маводи таҳлиливу таҳқиқотӣ сарчашма мегирад;

- *аслият ва навгониҳои* натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмили таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти муассисаҳои соҳа ва тавсияҳои методии коркардшуда, пайдарпайии таҳқиқи назария ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин гардидаанд;

- *коркарди* тавсияҳои йлмӣ оид ба такмили таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ имконияти пешрафти иқтисодиро васеъ гардонида, барои мустаҳкамсозии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии сайёҳӣ мусоидат менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, ба монанди интихоби мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст;

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба такмилди-ҳии назария ва амалияи таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад;

- тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии факултети менеҷмент ва идораи сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав ҳамчун кумаки методӣ истифода бурда шудаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2019-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 28 ноябри соли 2023 қарори сазовор донистани Наимзода Насимҷон Қудратулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар. Овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Ҷурабоев Ғ.**
**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**